«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои таърих, профессор
____________Усмонзода А.И.
«_19_» апрели соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм**. Диссертатсияи доктории Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Баъд аз таъсиси АИ яке аз масъалаҳои меҳварии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ омӯзиши ҷиддиву мукаммали лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ қарор мегирад. Муҳаққиқони тоҷик ва ҳамчунин гурӯҳе аз эроншиносони номӣ бо сарварии профессор В.С. Расторгуева ба таҳқиқи шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ оғоз мекунанд, ки ҳосили ин пажуҳишҳо нашри «Очеркҳо оид ба шевашиносии тоҷик»-и профессор В.С.Расторгуева мегардад. Илова бар ин, аз ҷониби Б. Ниёзмуҳаммадов, Қ. Тоҳирова, Л.В. Успенская, Р.Л.Неменова ва дигарон лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор гирифтаанд.

Дастовардҳои мактаби лаҳҷашиносии тоҷик минбаъд бо таҳқиқоти олимони дигар, мисли Ғ.Ҷӯраев, Ш.Исмоилов, С.Раҳматуллозода, Н.Гадоев, С.Ӯзбеков ва дигарон такмил ёфт. Диссертатсияи докторӣ унвонҷӯ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро метавон идомаи он пажуҳишҳое донист, ки дар риштаи лаҳҷашиносӣ анҷом ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он**.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки бевосита дар дуконҳои ҳунармандии водии Ҳисор, саҳроҳои кишоварзон ва амсоли он, инчунин дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ҷанбаҳои асосии мавзуъро

ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар заминаи омӯзиш бори нахуст таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо мустақилона ба роҳ монда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳоро аз забони адабии тоҷикӣ муайян кардааст.

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқшуда** дар он аст, ки дар он бо такя ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор вижагиҳои экстралингвистии вожагони ҳунармандӣ ва маишии ин лаҳҷаҳо ба риштаи таҳлилу тадқиқ гирифта шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст.** Диссертатсияи доктории унвонҷӯ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб меёбад, ки дорои аҳаммияти илмиву назариявист.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия аввалин маротиба таҳлили этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандиву маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор анҷом ёфтааст; таҳқиқи назариявӣ ва амалии вожагони соҳаи ҳунармандиву маишӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст; вожаҳои соҳаи ҳунармандиву маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор гурӯҳбандӣ карда шудааст; мавқеи калимаҳои аслӣ, унсурҳои иқтибосӣ (вомвожаҳои арабӣ, туркиву муғулӣ, русиву аврупоӣ), вожагони таърихӣ ва куҳнашуда дар доираи луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишии гӯйиши водии Ҳисор нишон дода шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар таҳқиқи мазкур фароҳамомада ва хулосаҳои он барои эҳё шудани як қатор ҳунарҳои мардумӣ, инчунин вожагони соҳаи ҳунармандиву маишӣ замина гузошта метавонад. Ҳамзамон барои муайян намудани хусусиятҳои хоси вожаҳои соҳаи ҳунармандиву маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ кӯмак расонида метавонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар пажуҳиши вожаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, гурӯҳбандии онҳо аз ҷиҳати маъно, омӯзиши хусусиятҳои забонии онҳо арзиши муҳим дошта, дастоварди илмии мазкурро дар навиштани мақолаҳо ва таълифи китобҳои дарсӣ доир ба этнолингвистика, лаҳҷашиносӣ, истилоҳшиносӣ ва курсҳои махсус метавон мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии рисола 390 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** муҳиммияти мавзуъ баён шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян гардидааast, ҳамзамон мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқот, арзиши назариявию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ нишон дода шуда, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, мушаххас гардидааст.

Боби якум – «**Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика**», аз шаш фасл иборат аст.

Дар фасли якум – «**Ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир**», масъалаҳои умумии назариявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таъкид мешавад, ки вобаста ба рушди ҷомеа илми забоншиносӣ низ мисли илмҳои дигар рушд менамояд ва дар он шохаю чараёнҳо ва самтҳои нав пайдо мешаванд. Этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ) низ баробари рушди илми забоншиносӣ зуҳур намудааст. Падидаҳои илми мазкур дар таҳқиқоти олимони барҷастаи садаҳои XVIII-XIX И.Г. Гердер ва В. фон Гумболдт ба назар мерасанд. Ба пиндори унвонҷӯ, аввалин муҳаққиқони ин илм олимони варзида Франс Бопп ва Эдуард Сепир ба шумор мераванд, ки бо омӯзиши забонҳои бехату беалифбои ҳиндувони Амрико ба зуҳури ин илм асос гузоштаанд.

Дар фасли дуюми боби якум, ки «**Робитаи забон бо фарҳанг**» ном дорад, доир ба робитаи забон бо фарҳанг маълумот дода шудааст. Ба андешаи унвонҷӯ, аввалин таърифи «фарҳанг» ба олими амрикоӣ Эдвард Тейлор тааллуқ дорад ва ҳар чизе, ки инсон эҷод мекунад, ҳар қобилияте, ки инсон бо мурури замон ба он соҳиб гардидааст ва ин қобилият модарзод нест, фарҳанг ба ҳисоб меравад.

Дар фасли сеюми боби якум – «**Омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ**», ду масъала: а) назари муҳаққиқон оид ба лаҳҷаҳо; б) назари пажуҳишгарон оид ба вожаҳои лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ баррасӣ шудааст.

Таъкид мешавад, ки асарҳои олимоне, мисли М.С. Андреев, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд, Л. Успенская, М. Маҳмудов, Ш. Исмоилов, Н. Гадоев ва дигарон хусусиятҳои этнолингвистӣ дошта бошанд ҳам, истилоҳи этнолингвистика дар ин асарҳо корбаст нагардидааст, аммо дар асарҳои муҳаққиқон С. Матробов, М. Бобомуродова, Х. Кабиров, З. Назарова ин истилоҳ ба назар мерасад. Унвонҷӯ баъди таҳлили афкори олимон ба чунин бардоште мерасад, ки бо вуҷуди он ки доир ба баъзе масъалаҳои этнолингвистии лаҳҷаҳои водии Ҳисор таҳқиқот ба назар расанд ҳам, онҳо фарогири ҷанбаҳои ҳаматарафаи он нестанд.

Фасли чоруми боби якум, ки «**Региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ**» унвон гирифтааст, ба таҳқиқи масъалаҳои пайдоиши истилоҳи «региолект» дар забоншиносии тоҷик ва истифодаи он дар асарҳои илмии муҳаққиқон ва хусусиятҳои фарқкунандаи региолектҳо аз диалектизмҳо ихтисос дорад. Таъкил мегардад, ки истилоҳи «региолект» аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди истифода қарор нагирифтааст. Муодили истилоҳи мазкур – «региолект», бори нахуст дар «Луғати тоҷикӣ ба русии гӯишӣ» аз ҷониби муҳаққиқ А.З. Розенфелд дар гунаи «лексикаи минтақавӣ» («зональная

лексика») пешниҳод шуда, бархе аз олимон, мисли профессор Ш. Исмоилов онро ҷонибдорӣ намудаанд.

Дар маҷмуъ, диалектизмҳо доираи интишори муайян дошта, дар лаҳҷаву шеваҳои алоҳида корбаст мегарданд, региолектҳо бошанд, калимаҳое мебошанд, ки дар минтақаҳои муайян истифода мешаванд.

Дар фасли панҷуми боби якум – «**Региолект ва муносибати он бо лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор**», қайд мешавад, ки иддае аз региолектҳо тавассути ҷаҳоне, ки сокинони ин минтақаро иҳота намудааст, пайдо шудаанд ва ё, ба ибораи дигар, тасвири забонии ҷаҳони қавмҳои ин мавзеъро нишон медиҳанд. Масалан, калимаҳои *кортанӣ, кортан, корез, корпеч ва коррангкун, коргир* танҳо хоси гуфтори Қаратоғи водии Ҳисор буда, дар заминаи касби бофандагӣ пайдо шудаанд.

Ҳамин тариқ, таъсири региолект ба гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор назаррас буда, дар бештари ҳолатҳо региолектҳо дар заминаи пешаҳои интихобнамудаи ин мардумон пайдо шудаанд.

Дар фасли шашуми боби якум – «**Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории водии Ҳисор**», вожаҳои фолклорӣ мавриди омӯзишу пажуҳиши диссертант қарор гирифтаанд. Ҳангоми омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои фонетикаву морфологияи лаҳҷаҳои мазкур Л.В. Успенская ба фолклори ин мавзеъ диққати махсус дода, матнҳои фолклорӣ (афсона, рубоӣ, қиссаву ривоятҳо)-ро, ки аз забони мардуми таҳҷоии деҳа шунидааст, гирд оварда, дар ин замина намунаи нутқи лаҳҷавии тоҷикони Қаратоғро бо забони адабии тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ муқоиса намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор**» ном гирифта, аз нуҳ фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби дуюм - «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи чармгарӣ**», ба масъалаи баррасии хусусиятҳои калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ равона гардида, ин навъи вожаҳо ба ду даста: 1) вожаҳои марбут ба ҳунари сурфадӯзӣ (*сурфабур, сурфадӯз, сурфарангкун*); 2) вожаҳои марбут ба ҳунари кафшдӯзӣ (*хомак, чоруқ, чакӣ, ижас…*) дастабандӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи кулолӣ**», ба омӯзиши вожаҳои соҳаи кулолӣ ихтисос дорад. Ин дастаи воҳидҳои луғавӣ низ ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: 1) номи асбобҳое, ки кулолгар истифода мебарад (*аспакчӯби дӯкон, мола, ғудак…*); 2) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи маҳсулоти кулолӣ (*хурмаи говҷӯшӣ, чахдеги равғанширинкунӣ, тавоқи бандиҷомакашӣ…*).

Фасли сеюми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи оҳангарӣ**», ба пажуҳишу омӯзиши вожаҳои соҳаи оҳангарӣ бахшида шудааст.

Ин навъи унсурҳои луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шудаанд: 1) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи корд (*корди гулбанддор, каҷкорд, корди гулқалам, корди ошбурӣ...*); 2) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номи табар (*тавари мусулмонӣ / мусулмунӣ, тавари урусӣ, тавари гӯштқимакунӣ...*); 3) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи қайчиҳо (*қайчии тофтабурӣ, қайчии ликакбурӣ, қайчии гусфандтарошӣ...*); 4) вожаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи асбобҳое, ки бо оташ ва оташкорӣ иртибот доранд (*тагдегӣ / таҳдегӣ, аловкоwак / алаков, лахчагирак...*); 5) номи пешаҳои марбут ба мисгарӣ ва оҳангарӣ (*дегрез, кетмангар...*).

Фасли чоруми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи сохтмон**», ба хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти ифодагари мафҳумҳои сохтмон бахшида шудааст. Ин навъи истилоҳот низ ба чаҳор даста тасниф шудаанд: 1) номгӯйи абзорҳое, ки дар соҳаи сохтмон истифода мешаванд (*танув, банд / респопча, канав, лом / лъм, зогнул / зогнӯл...*); 2) номгӯйи масолеҳи сохтмон (*симент / симинт, сименбилок / симинтблок, абой / абуй...*); 3) калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи навъҳои хона (*меҳмонхона, тапакхона / саргинхона / чалмахона, шарбатхона...*); 4) номи ашхоси бинокор (*нақшакаш, тановкаш, сангчин...*).

Дар фасли панҷуми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи дӯзандагӣ**», бештар масъалаҳои этнолингвистии ҳунари дӯзандагӣ баррасӣ гардидаанд. Дар ин фасли рисола онҳо ба таври зерин тақсим карда шудаанд: *куртадӯзӣ, поҷомадӯзӣ, шероздӯзӣ, даравшдӯзӣ, зардӯзӣ, тоқидӯзӣ, ҷомадӯзӣ, кӯрпадӯзӣ* ва ғайра.

Фасли шашуми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи бофандагӣ**», ба омӯзиши калимаву истилоҳоти соҳаи бофандагӣ ихтисос дорад. Дар диссертатсия ин дастаи вожаҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд: 1) вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари алочабофӣ (*алочи тошкентӣ, алочи бойсунӣ, алочи деҳнавӣ, алочи кулобии миёнкуфта, алочаи ғарбӣ...*); 2) вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари атласбофӣ (*атласи сиёҳ, шоҳсабз, барги карам, пастаха-параха, атласи ҷавонӣ, кайҳон, мурғобӣ, лола...*).

Фасли ҳафтуми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи зебу зинат ва ороишоти занон**», ба таҳлили вожаю истилоҳоти ифодагари ҳунари заргарӣ ва ороиши занон бахшида шуда, ин навъи вожаҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд: 1) вожаву истилоҳоти ифодагари ороишоти заргарӣ: а) номи абзорҳои заргарӣ (*туфангча, қайчии заргарӣ, болғачаи резинӣ...*) б) номи ороишоти заргарӣ (*сарсӯзанак, қулфи гиребон, зиреҳ, саркитфӣ...*); 2) калимаву истилоҳоти ифодагари маҳсулоти ороишӣ (*ҳинаи хонагӣ, ҳинаи боғӣ, ҳинаи сурх, ҳинои зард, усми бухорӣ, усми тар, усмакабуд, суми арабӣ, сурми дукчӯви, сурми нилӣ, сурми хокӣ...*); 3) вожаҳои марбут ба тарзҳои

бофтани мӯй (*пичабофак, бӯйробофӣ, гандумак, чилбоф, майдабофӣ, дуқатора, сеқатора, дукокула, панҷбоф, тошкандча, гирди сар, гирди* тоқӣ...).

Дар фасли ҳаштуми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи пазандагӣ ва қаннодӣ**», калимаву истилоҳоти ин соҳа чунин дастабандӣ шудаанд: 1) вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои пазандагӣ (*банди ҷома, буламоқ, забони хуштоман, угурчагӣ, гунгина...*); 2) вожаҳои ифодагари мафҳумҳои қаннодӣ (*ови набот, қанди кокулдорак, ҳавлои лавз, ҳавлои пашмак, ҳавлои ришта-ришта, ҳавлои малакоӣ, ҳавлои умочӣ...*).

Фасли нуҳуми боби дуюм – «**Номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд**», номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисорро мавриди баррасӣ қарор додааст. Номвожаҳои мазкур чунин гурӯҳбандӣ шудаанд: 1) номвожаҳои дараи Ҳакимӣ (*Ҳакимӣ, Осиёбдара, Оби Ғарибак, Кули Париён, Ови борик, Сари пул, Шунук, Пушти Миёна...*); 2) номвожаҳои дараи Қаратоғ: *Чармгарон, Кулолӣ, Мехчагарӣ, Собунгарӣ, Қассоббхона, Сарбозхона, Қозихона, Олтин Жилав, Читгарӣ, Ҷӯшонак, Рангрезхона...*).

Боби сеюм – «**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор**», дорои ҳашт фасл аст.

Дар фасли якуми боби сеюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ**», вожагони соҳаи зироаткорӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Ин гурӯҳи вожаҳо чунин дастабандӣ шудаанд: 1) номи ашхоси зироаткор (*зироаткор, киштукорчӣ, обчакор...*); 2) калимаву истилоҳоти соҳаи ғаллакорӣ (*гандуми зафар, гандуми ватан, гандуми басирбой, гандуми москвич, гандуми жагра...*); 3) вожагони соҳаи шоликорӣ (*лойшан, мирзодавак, ҷомиқурwоқагундорӣ...*).

Фасли дуюми боби сеюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ**», ба омӯзиши калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ ихтисос дорад. Ин навъи вожаҳо чунин дастабандӣ шудаанд: 1) номи меваҳое, ки дар иртибот бо ранг зуҳур кардаанд (*нимранг, чумургонии сиёҳ, зангбандии сурх, ла(ъ)лӣ,; сурхсеб, зардсеб, кавудсеб, сафедсеб, лолагӣ, залатойсеw ...*); 2) вожаву истилоҳоте, ки вобаста ба замони пухта расидани меваҳо пайдо шудаанд (*сеwи пешпазак, сеwи дерпазак, сеwие тобистона, сеwи зимистона, ҷавпазак*); 3) номгӯйи меваҳое, ки аз номи одамон сарчашма гирифтаанд (*чишми юсуф, мирзойӣ, юсуфӣ, ҳусайнӣ, саидгуломӣ, сойибӣ, муллораҷабӣ, шоҳусайнӣ; сибиринка...*) 4) номгӯйи меваҳое, ки ба макони содироти онҳо нигаронида шудаанд (*фахрӣ, тагоwӣ, гурҷӣ, сина, ҳисорӣ, севи намангон, сеwи ашт, сеwи рахш...*); 5) номгӯйи меваҳое, ки дар қиёс бо узвҳои ҳайвонҳо сар задаанд (*чочи штур* (навъи ангур), *харсев* (навъи себ), *линги хар* (навъи нок), *говшафтолу* (навъи шафтолу), *хирсак, сагак, хукакчигда* (навъи чигда); 6) номгӯйи меваҳое, ки дар иртибот бо шакл ва таъм пайдо шудаанд

(*турушак* (олучаи кӯҳӣ), *қандак, обак* (навъи зардолу), *сеwи ошӣ, анорсеw, бодарингсеw* (себ), *олу туруш, олу ширинак* (навъи олу) ва ғ.

Дар фасли сеюми боби сеюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи чорводорӣ**», ин навъи унсурҳои луғавӣ чунин гурӯҳбандӣ шудаанд: 1) вожаву истилоҳоти ифодагари номи аспҳо (*аспи тоҷикӣ, аспи урусӣ, аспи бохтарӣ, аспи тохорӣ, аспи хатлонӣ, аспи ҳисорӣ, туруқ, ҷеран, бурул, ҷеранқашқо, саманқашқо, охпеча...*); 2) вожаву истилоҳоти ифодагари номи говҳо (*гургов, гови серхӯрок, гови камхӯрок, гови қоқшолак, гови фарбеҳ, гови сершир, гови камшир, гови алла, гови зотӣ, барзагов, гови сурх...*); 3) калимаву истилоҳоти ифодагари номи афзор ва хӯроки чорво (*чулбур / канаw / таноw / тасма / респон / ғалтак; мех / гулмех / ишкел / чормех...*).

Ҳадафи фасли чоруми боби сеюм, ки «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи моҳидорӣ**» номгузорӣ шудааст, таҳлили вожаҳои соҳаи моҳидории лаҳҷаҳои водии Ҳисорро фарогир аст. Ин дастаи воҳидҳои луғавӣ чунин тасниф шудаанд: 1) вожаҳои ифодагари номгӯйи навъҳои моҳӣ: (*сангмоҳӣ, гулмоҳӣ, ширмаҳӣ, лақамаҳӣ, мормаҳӣ, загорамаҳӣ, сагмаҳӣ, гурмаҳӣ, қизилола...*); 2) вожаву истилоҳоти ифодагари номи асбобҳои моҳидорӣ (*қармоқ, тур* / сетка, *чач...*); 3) номи ашхосе, ки бо моҳӣ сарукор доранд (*маҳиқап, қармоқдор, чачбоф...*) ва ғ.

Фасли панҷуми боби сеюм – «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи занбӯрпарварӣ**», вожаҳои соҳаи занбӯрпарвариро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дар рисола гурӯҳбандии вожаву истилоҳоти мазкур ба таври зайл сурат гирифтааст: 1) вожаву истилоҳоти ифодагари номи занбӯрҳо (*занбӯри зардак / занбӯри ило, говзанбӯр, занбӯри яксола, модарзанбӯр...*) 2) амалҳое, ки занбӯрҳо ба сомон мерасонанд (*тухмгузории модарзанбӯр, куввагункунии занбӯрон, шаҳдқабулкунӣ...*); 3) номгӯйи гулу рустаниҳое, ки аз шаҳди гули онҳо асал ҳосил мешавад (*офтобпараст / гули симишка, гули кукнор, гули беда, шоҳбулут, себарга, тарбуз, харбуза*); 4) номгӯйи ашёе, ки бо онҳо асалро мегиранд (*асалкашак, мумгудозак...*); 5) вожаву истилоҳоти ифодагари номгӯйи навъҳои асал (*гуласал, асали якнабототӣ, шаробасал...*) ва ғ.

Фасли шашум – «**Вожаҳои ифодакунандаи соҳаи тиб**», ба таҳлили истилоҳоти тиббӣ, хосатан номи бемориҳо, бахшида шудааст. Ин вожаҳо ба таври зайл гурӯҳбандӣ шудаанд: 1) калимаву истилоҳоте, ки номи захмҳоро ифода менамоянд (*ширинча, учуқ, саглесак, нохунпечак, бисмил...*); 2) номи бемориҳои гузаранда (*оҳим / сарору, ӯпкакасал / шишкасал, дурунрав / дилрав / дилпечак / шикамрав...*); 3) номи бемориҳои муолиҷавӣ (*киркиракдард / қуртуқдард / гулудард / ғалундард, пилагӣ, қандкасал, паривара, шайтоламишвара...*); 4) номи давоҳо (*сумаки аспак / телпаки морак, шири харак, рӯғани кучукак...*) ва ғ.

Ҳамин тавр, дар бандҳои 5-8-ум вожаҳои ифодагари мафҳумҳои тавлидкунӣ, амалиёти зидди бемориҳо, макони марбут ба бемориҳо, номи табибон таҳлил шудаанд.

Дар фасли ҳафтуми боби сеюм, ки «**Вожагони ифодакунандаи номи бозиҳо**» унвон гирифтааст, унвони бозиҳо ба се гурӯҳ: 1) номи бозиҳои духтарона (*алғакбозӣ / ҳуйталак /ҳоя /авлончакбозӣ...*); 2) номи бозиҳои писарона (*дулдулбозӣ / чомоқбозӣ, подшобозӣ);* 3) номи бозиҳои гурӯҳӣ (*сарҷанг, муштҷан*) тасниф шудаанд.

Дар фасли ҳаштуми боби дуюм – «**Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ**», вожаҳои марбут ба хешутаборӣ таҳлил гардидаанд.

Боби чоруми рисола **«Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли якум, ки «**Решашиносии вожагон»** унвон гирифтааст, решаи калимаҳои соҳаи ҳунармандиву маишӣ, ки хоси гӯйиши мардумони водии Ҳисоранд, ба ду даста тасниф шудаанд.

Дар зерфасли якуми фасли якум – **«Вожаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ»,** калимаҳои мансуби ҳунармандиву маишӣ, ки хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисоранд, таҳлил гардидаанд.

Зерфасли дуюми фасли якум – **«Вожаҳои иқтибосӣ»**, ба омӯзиши лексикаи иқтибосии лаҳҷаҳои водии Ҳисор ихтисос дошта, ин дастаи вожаҳо ба: 1) вожаҳои арабӣ; 2) калимаҳои туркии ӯзбекӣ; 3) калимаҳои русиву аврупоӣ тасниф гардида, ҳар гурӯҳ боз дастабандӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби чоруми рисола **«Вожагони ғайрифаъол»** номгузорӣ шуда, дар он вожагони таърихан маҳдудшуда мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зерфасли якуми фасли дуюми боби чоруми рисола – **«Вожагони таърихӣ»**, унсурҳои луғавии хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисор таҳқиқ гардидаанд.

Дар **хулосаи** диссертатсия бардоштҳои унвонҷӯ дар 28 банд хулосабардорӣ шудааст, ки мазмуну муҳтавои корро ифода менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола як қатор камбудиву норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар фасли «Дараҷаи омӯзиши мавзуъ» ва § 1.3.2. хидмати муҳаққиқони лаҳҷаҳои водии Ҳисор, мисли А.З. Розенфелд, Л.В. Успенская, И.М. Оранский, И.Сулаймонов дар таҳқиқу омӯзиши лаҳҷаҳои мазкур мушаххас ва ё ба таври бояду шояд нишон дода нашудааст.

2. Унвонҷӯ борҳо таъкид мекунад, ки “Дар водии Ҳисор гӯйишҳои гуногун мавҷуданд, ки ҳар яке хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд” (с.143), вале истилоҳоти ҳунармандиву маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар муқоисаи ҳамдигар таҳлилу тадқиқ нашудаанд.

3. Аксари сархатҳои боби якуми диссертатсия хусусияти публитсистӣ гирифтаанд.

4. Дар § 2.3. (Вожагони ифодакунандаи соҳаи оҳангарӣ) истилоҳоти оҳангариву заргарӣ (*ростак, бодомча, қиличак, каҷак...*) омехта таҳлил шудааст.

5. Дар диссертатсия бархе тасҳифҳо ва ғалат ташреҳ шудани назари муҳаққиқону фарҳангнигорон ба назар мерасад, мисли калимаҳои дурага (с.299), таҳлили маншаи калимаи *икра* (с.274) ва ғ.

6. Як қатор калимаву таркибҳо, мисли *бивисешанбегӣ, бивимушкулкушо, испанддудкунӣ, ҷину аҷинабарорӣ* (с.126) ба истилоҳоти сохтмон мансуб нестанд.

7. Тарҷумаи иқтибосҳое, ки аз осори илмии русианд, мавҳуманд (с.27, 54, 59, 60, 70).

8. Унсурҳои луғавии *Аллоҳ, Таъоло, ибодат, ифтор, китобат...* (с.303), *қозӣ, мулло, халифа, амир, аҷнабӣ...* (с.304), *ҷаноза, маит, калима, ё(Ё)син, ваҳм...* (с.305) ба гурӯҳи калимаҳои маишӣ дохил намешаванд.

9. Дар фасли 4.1.1. (Вожаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ) унсурҳои луғавие таҳлил шудаанд, ки ба соҳаи ҳунармандиву маишӣ тааллуқ надоранд (*чах, икра, балкон...*)

10. Таҳқиқи гунанокии вожаҳои ҳунармандиву маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз назари унвонҷӯ дур мондааст.

11. Унвонҷӯ ҷумлаҳои мураккаби қолаби “ҳарчанд.... вале”; “гарчанде... аммо”-ро, ки академик М.Шакурӣ ғалат донистааст, ба таври вофир истифода намудааст.

12. Дар рисола ғалатҳои услубӣ (с.14, 16, 17, 22, 23, 28, 30, 34...), имлоӣ (с.12, 17, 27, 33, 43...), китобат (с.11, 13, 14, 20, 22, 23, 24, 25, 28...) ба назар мерасанд.

Камбудиҳои мазкур ислоҳшаванда буда, мазмуну мухтавои кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор як бар чанд меафзояд.

Мазмуни диссертатсияи доктории Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» бо автореферати он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия шудааст, инчунин 1 монография, 33 мақола, ки 25 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА нашр шудаанд, мазмуну мундариҷаи корро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 18-уми апрели соли 2024, протоколи №9 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 13 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест.

Протоколи № 09 аз 18-уми апрели соли 2024.

**Раисикунанда:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессор Шокириён Туғрал Сироҷзода

**Мудири** кафедраи забони тоҷикӣ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Олимҷонов Мусо Обидович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикӣ Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

**Котиб:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ Қурғанов Зохид Дехканович

**«Имзоҳои Шокириён Т. С., Олимҷонов М. О.**
**Ҳасанзода А. А. ва Қурғанов З. Д.-ро тасдиқ мекунам»**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Эҳсон Мамурович

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735700, ш. Хуҷанд,
хиёбони Мавлонбеков, 1.
Тел: (992-3422) 6-52-73;
E-mail: rektor@hgu.tj
«18» апрели соли 2024